## ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ

шурои диссертатсионии 6D.КОА-038 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба диссертатсияи Раҷабзода Шуҳрат Шералӣ (Назаров Шуҳрат Шералиевич) дар мавзуи «Хусусиятҳои фитосенологӣ ва ҳолати экологии дарахту буттаҳои қисмати ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D060718 – Ботаника.

Дар хулосаи комиссияи экспертӣ масъалаҳои зерин баррасӣ мегарданд:

- мутобиқати мавзуъ, муҳтавои диссертатсия ва автореферати Раҷабзода Шуҳрат Шералӣ мубрам буда, дар он бори аввал гуногунии намудии дарахту буттаҳо дар флораи қисмати ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор мавриди омӯзиш қарор гирифтааст ва дар баррасӣ ҳимояи он иҷозат дода шуд;

- мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси 6D060718 – Ботаника, ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29-декабри соли 2020, №6 ва бо тағйиру иловаҳо аз 10 декабри соли 2025, №483 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад. Таҳқиқотҳои диссертатсия ҷанбаҳои асосии илмии ихтисоси 6D060718 – Ботаникаро дақиқ инъикос намуда, ба талаботи муайяне, ки дар шиносномаи ин ихтисос муқаррар шудааст, ҷавобгӯ мебошад. Банди 1. Масъалаҳои назариявии пайдоиш ва инкишофи олами наботот, гуногунӣ, таснифот ва номгӯи гурӯҳҳои гуногуни растаниҳо ва оилаи растаниҳо; Банди 4. Масъалаҳои назариявӣ ва амалии паҳншавии географии организми растаниҳо, вижагиҳои паҳншавии муосир ва гузаштаи намудҳои растаниҳо ва наботот, ноҳиябандӣ ва харитакунонии растаниҳо ҳамчун яке аз захираҳои таҷдидшаванда; Банди 5. Робитаҳо бо муҳити сабзиши намудҳо, гурӯҳҳои экологӣ, шаклҳои ҳаётӣ ва оилаи растаниҳо, шохискунонии ҳолати муҳити атроф бо ёрии растаниҳо. Банди 6. Сохтор ва ҷараёни пӯшиши набототӣ ва қисмҳои таркибии он - фитосенозҳо, бо мақсади муносибсозӣ, идоракунии маҳсулнокии онҳо, ташкили оилаҳои сунъии растаниҳо бо вижагиҳои муайяни судовар (фитосенология ва геоботаника); Банди 10. Масъалаҳои назариявӣ ва амалии истифодаи растаниҳо, пеш

аз ҳама, захираҳои набототи табиӣ бо мақсадҳои амалӣ (доругӣ, ғизоӣ, техникӣ, хӯроки чорво, обёрикунӣ, ороишӣ ва ғайра) мувофиқат мекунад;

- оид ба мукаммал инъикос ёфтани муҳтавои кори диссертатсионӣ дар таълифоти нашршудаи довталаб дар асоси маводи кори дисертатсионӣ 9 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 5 - тои он дар маҷалаҳои эътирофшудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудааст;

- дар рисолаи мазкур истифодаи мавод бидуни иктибос ба муаллиф ё маъхаз мавдуд набуда, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият даровардa шудаанд, ки аз риоя шудани банди 37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, гувоҳӣ медиҳад.

Дар рисолаи илмӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи довталаб маълумоти ғайрисаҳеҳ мавҷуд нест. Маълумоти бадастомада дар бораи таркиби гуногунии дарахту буттаҳои таркиби флораи қисмати ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор барои муайян намудани флорогенези флораи Тоҷикистон аҳамияти илмӣ доранд. Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд дар таҳияи харитаҳои геоботаникӣ ва экологӣ, инчунин ҳангоми ба нақшагирии хоҷагиҳо ва рушди корхонаҳо дар заминаи экологӣ истифода шаванд;

- эътимоднокии натиҷаҳои бадастовардашуда бо гузаронидани таҷрибаҳо, истифода аз усулҳои муосири илмии ботаникӣ, дақиқии маълумотҳо, кифоягии ҳаҷми маводҳои таҳқиқотӣ, коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқот бо такя ба маълумотҳои саҳроӣ ва интишорот ба даст омадаанд. Натиҷаҳо, инчунин аз таҳлили системавӣ ва коркарди оморӣ (статистикӣ) гузаронида шуда, эътимодбахш мебошанд;

- комиссияи экспертӣ пешниҳод менамояд, ки диссертатсия дар шурои диссертатсионии 6D.КОА-038 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул карда шавад;

- комиссияи экспертӣ ба ҳайси **муқарризони расмӣ** ва **муассисаи пешбар** пешниҳод менамояд:

**Наврузшоев Довудшо** – доктори илмҳои биологӣ, сарходими Институти биологии Помир ба номи академик Х.Юсуфбекови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.

**Мадаминов Абдулло Асроркулович** – номзади илмҳои биологӣ, дотсент, мудири лабораторияи экология ва захираи растаниҳои Институти ботаника, физиология ва генетикаи растании Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.

Ба сифати **муассисаи пешбар** Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ.

- комиссияи экспертӣ барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаи Комиссия ва ДМТ иҷозат медиҳад;
- нашр ва паҳнкунии автореферат ва паҳлуҳои дигари арзёбии диссертатсия хулоса пешниҳод мегардад;

Комиссияи экспертӣ диссертатсияи Раҷабзода Шуҳрат Шералӣ дар мавзуи «Хусусиятҳои фитосенологӣ ва ҳолати экологии дарахту буттаҳои қисмати ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D060718 – Ботаника баррасӣ намуда, дар асоси банди 60 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ

**ҚАРОР КАРД:**

1. Диссертатсияи Раҷабзода Шуҳрат Шералӣ дар мавзуи «Хусусиятҳои фитосенологӣ ва ҳолати экологии дарахту буттаҳои қисмати ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D060718 – Ботаника ба ҳимоя қабул карда шавад.
2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқиашон ба ихтисоси 6D060718 – Ботаника мувофиқат дорад, ба ҳайси **муқарризони расмӣ** пешниҳод менамояд:

- **Наврузшоев Довудшо** – доктори илмҳои биологӣ, сарходими Институти биологии Помир ба номи академик Х. Юсуфбекови АМИТ.
- **Мадаминов Абдулло Асрақулович** – номзади илмҳои биологӣ, дотсент, мудири лабораторияи экология ва захираи растаниҳои Институти ботаника, физиология ва генетикаи растании АМИТ.

3. Ба сифати **муассисаи пешбар** Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ тавсия дода шавад.
4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи диссертатсия дар сомонаҳои Муассиса ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон розигӣ дода шавад.
5. Барои чопи автреферати диссертатсия бо ҳуқуқи дастнавис (100 адад) ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои биологӣ,
аъзои Шурои диссертатсионӣ — Бобоев М.Т.

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои биологӣ, профессор,
аъзои Шурои диссертатсионӣ — Мирзораҳимзода А.К.

номзади илмҳои биологӣ, муаллими калони кафедраи биология ва методикаи таълими они факултети химия ва биологияи ДДК ба номи А. Рӯдакӣ — Ҳисайнов Д.Э.

**Имзоҳои** Бобоев М.Т., Мирзораҳимзода А.К. ва Ҳисайнов Д.Э.-ро тасдиқ мекунам:

Сардори раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси ДМТ — Шодихонзода Э.Ш.

**Суроға:** Индекс, 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи Рудаки, 17. Телефон: (+992 -37) 221-62-25; (+992 -37) 227 -15-10 Факс: (+992-37) 227-15-10; E-mail: info@tnu.tj

“08” 04 соли 2026